*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи "Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Автореферати диссертатсияи Икромӣ Ф.Н. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми иқтисод ва амалияи сиёсати молиявию бонкӣ бахшида шудааст. Бо назардошти тағйирёбии пайвастагӣ дар муҳити макроиқтисодӣ, вусъат ёфтани ҷаҳонишавӣ, паёмадҳои буҳронҳои молиявӣ ва фишорҳои таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳамчунин бозорҳои молиявӣ аз низомҳои ҷаҳонӣ вобаста гардида, зарурати боз ҳам такмил додани механизмҳои танзими макропруденсиалиро тақозо менамоянд. Нақши ин навъи танзим дар ташаккули муҳити устувори вазъи молиявӣ, коҳиши хавфҳои системавӣ ва пешгирӣ аз паҳншавии шокҳои берунӣ ба бахшҳои муҳимми иқтисод ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Тадқиқоти гузаронидашудаи муаллиф собит намудаанд, ки то имрӯз дар низоми бонкии Тоҷикистон сиёсати макропруденсиалӣ ба таври ҷудогона ва системавӣ ташаккул наёфтааст. Ҳамзамон, нокифоя будани ҳаҷми сармояи хориҷии ҷалбшуда ва афзоиши қарзи давлатӣ хавфпазирӣ ва вобастагии кишварро аз манбаъҳои беруна зиёд намуда, эҳтимоли ноустувории молиявиро меафзоянд. Ҳамин тавр, тадқиқи механизми танзими макропруденсиалӣ ва роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити воқеии иқтисодию молиявии кишвар, аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Тадқиқи илмии масъалаи мазкур имкон фароҳам меорад, ки на танҳо заминаҳои назариявию методологии танзими макропруденсиалӣ таҳлил шаванд, балки таклифу тавсияҳои мушаххас барои такмили он ба воситаи арзёбии муфассали вазъи мавҷуда ва таҷрибаи байналмилалӣ пешниҳод гарданд. Дар натиҷа, татбиқи онҳо метавонад ба таҳкими суботи молиявӣ, афзоиши эътимоди сармоягузорон ва тақвияти самаранокии сиёсати пулию қарзии кишвар мусоидат намояд.

Дар автореферат натиҷаҳои муҳими илмӣ пешниҳод шудаанд, ки бо сатҳи тадқиқоти докторӣ мутобиқанд, ин: такмил ва дақиқсозии асосҳои назариявии мафҳуми «танзими макропруденсиалӣ» ва нақши он дар таъмини суботи молиявӣ; пешниҳод намудани таснифоти мукаммали хавфҳои системавӣ дар низоми бонкӣ ва робитаи онҳо бо давраҳои иқтисодӣ; таҳияи модели методологии баҳодиҳии суботи молиявии низоми бонкӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои макропруденсиалӣ; асоснокkунии самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими макропруденсиалӣ бо назардошти хусусиятҳои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳлили корҳои анҷомдодашуда дар марҳилаҳои таҳия, татбиқ ва коркард гувоҳӣ медиҳанд, ки муҳтавои автореферати диссертатсия ба матни диссертатсия мутобиқат дошта, моҳияти илмии ҷараёни тадқиқотро бо такя ба таҳлилҳои ҳамаҷониба ба таври кофӣ инъикос менамояд.

Ҳангоми арзёбии ҷиҳатҳои мусбии тадқиқоти мазкур муайян мегардад, ки фаъолияти илмии унвонҷӯ дорои дастовардҳои қобили таваҷҷуҳ мебошад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, зарур мебуд, агар унвонҷӯ дар раванди тадқиқоти худ ба масъалаҳои зерин диққати бештар медод:

- ✓ дар қисми назариявии автореферат вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ нуқтаҳои назари илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ ба таври муносиб инъикос ёфтаанд, аммо мавқеи интиқодии муаллиф нисбат ба ин андешаҳо кам ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, ихтилофи назар ё мавқеи мустақили муаллиф ба таври равшан зоҳир намегардад;

✓ Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи сифати таҳлилу арзёбиҳо, ҷойгир намудани методологияи муайяннамоии вазъи молиявии низоми бонкӣ дар автореферати диссертатсия тибқи арзёбиҳои Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқ ба назар мерасад.

Эродҳои баёнгардида дорои хусусияти тавсиявӣ буда, сатҳи аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

Ниҳоят, рисолаи докторӣ дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар қоидаҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Икромӣ Фазлиддин Нуриддин барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Мирзоалиев А.А.**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А. – ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусуи ДДТТ** **Пирзода С.С.**

3. 02. 2026 сол.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, **Тел.:** +992(37) 234-83-46, (+992) 934444145, (+992) 918800458, **E-mail:** menejment_08@mail.ru